Тақризи

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мерганзода Манучеҳри Бекназар дар мавзуи «Поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқу баррасии осори безаволи адабиёти гузаштаи тоҷик собиқаи тулонӣ ва дурахшоне дорад, ки дар кишварҳои гуногуни олам сурат гирифтааст. Баррасии поэтикии осори манзум, хоса ашъори шоирони даврони то ҳамлаи муғул барои равшан намудани вижагиҳои адабию ҳунарии ҳар шоири ин марҳилаи таърихии адабиёти форсии тоҷикӣ хеле муҳим мебошад. Агар чунин таҳқиқот бар мабнои осори шоирони таъсиргузор ва соҳибнуфузе чун Адиб Собири Тирмизӣ (1078-1147), ки ному осорашон дар маъхазҳои адабӣ ва таърихӣ ба хотири фоҷиаи қатли ӯ дар он кашокашҳои ҳокимони маҳаллӣ зиёд ёд шудааст, аҳаммияту арзиши он боз бештар хоҳад буд. Вале ҷойи тақиқотҳои фарогир ва дақиқу резакоронаи поэтикӣ дар мавриди шеъри шоирони саршиноси адаби гузаштаи мо ҳанӯз холист. Аз ин лиҳоз, дар мавзуи «Поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ» навиштани диссертатсияи таҳқиқӣ аз тарафи доктор (PhD) Мерганзода Манучеҳри Бекназар шоистаи таҳсин ва дастгирӣ буда, то ҷое ин халои пажӯҳиширо дар илми адабиётшиносии ватанӣ пур хоҳад намуд.

Дар диссертатсия, пеш аз ҳама аҳаммият ва мубрамии мавзуи мазкур ва дар баробари он ба таҳқиқ нарасидани ҷанбаҳои масъалаҳои меҳварии поэтикаи ашъори шоир, бахусус авзони анвои адабӣ, қофия ва радиф дар осори ғиноии ӯ таъкид гардида, барои ҳалли онҳо даст задани хешро ёдовар мешавад.

Шаҳобуддин Адиб Собири Тирмизӣ – дар асри XI-XII зистааст, ки ба иттифоқи назари мутахассисон давраи мазкур шукӯҳи навъи адабии

қасида ба шумор меравад, вале дар девони ӯ анвои дигари шеърӣ чун ғазалу қитъаву таркиббанд ва рубоӣ низ мавқеъ доранд.

Ҳамон тавре ки медонем, дар мавриди рӯзгору осори Адиб Собир таҳқиқоти бештар нисбат ба шоирони дигари ҳамасри ӯ анҷом дода шудааст, вале дар бораи сохтори шеъри ӯ, бахусус вазн, қофия, радиф, забону баён, воситаҳои тасвири бадеии он чунин таҳқиқоти муфассалу фарогир бори аввал дар шакли монографӣ сурат мегирад, ки муаллифро метавон табрик ва таҳнийт намуд. Дар ҳамин замина, гузориш ва баррасиҳои муаллифи диссертатсия роҷеъ ба авзони қасидаҳои шоир, ғазал, қитъа, таркиббанд ва рубоиҳои ӯ шоистаи тақдир ва ситоиш мебошанд. Масъалаҳои марбут ба авзони ашъори шоир дар боби асосии диссертатсия боби сеюми он таҳти унвони «Поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ» аз таҳлилу таҳқиқи «Рисолаи аруз»-и шоир оғоз гардидааст. Дар ин қисмат, андешаву баҳси муаллиф дар бобати исботи интисоби ин рисола ба Адиб Собир хеле ҷолиб мебошад. Вобаста ба авзони қасидаҳои шоир таснифоти муаллифи диссертатсия дар бораи аз рӯйи баҳрҳо (дар 30 навъи вазни арузӣ) ҷудо намудани онҳо ва муайян намудани теъдоди қасидаҳо дар ҳар баҳр мантиқӣ ва илмӣ мебошанд, ки баъдан ҳар 9 баҳр, ки қасидаҳо дар қолабҳои (зиҳофоти) ин баҳрҳо (ҳазаҷ, рамал, мутақориб, музореъ, хафиф, муҷтас, сареъ, мунсареҳ, басит) ба таври алоҳида таҳлил ва ҷойгоҳи онҳо дар сароиши қасоид нишон дода шудааст. Аз таҳлилу баррасиҳои диссертант бармеояд, ки шоир қасидаҳояшро аз ҳама бештар дар баҳри муҷтас ва аҷзои он сурудааст (42 қасида: дар баҳри муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф 15, муҷтасси мусаммани махбуни аслам 11, муҷтасси мусаммани махбуни мақсур 9, муҷтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ 7 адад) ва сабаби бисёрии қасидаҳо дар ин баҳрро аз гуфтаҳои худи шоир дар мавриди ин баҳр метавон дарёфт:

Ба баҳри муҷтасс дилҳо аз он шитоб кунанд,

К- аз ӯ суханро чу лӯълӯ хушоб кунанд.

Мафоъилун, фаъилотун, мафоъилун, фаъилон,

Чунин кунанд чу тақтеи ӯ, савоб кунанд (дисс. Саҳ. 89).

Дигар он ки қасида дар девони Адиб Собир, мисли девони ҳар шоири ин аср дар ҷойи аввал қарор дорад, ки диссертант бино бар ҳамин таносуби навъҳо ба ин навъи адабии адабиёти асри XII таваҷҷуҳи бештар мабзул доштааст, ки ин аз шиносой ва дарки вазъи адабии ин давра аз тарафи муҳаққиқ дониста мешавад.

Дар ҷойи дувум аз нигоҳи теъдоди истифодаи авзони шеърӣ навъи адабии ғазал мебошад, ки дар ин аср дар ҳоли такомул ва пас аз қасида дар девонҳои шоирон ҷойи алоҳида пайдо карда буд. Дар бораи авзони мустаъмал дар ғазалҳои шоир, ки теъдоди онҳоро диссертант 67 адад нишон додааст, бояд гуфт, ки истифодаи баҳри ҳазаҷ бо зиҳофоти он бештар ривоҷ доштааст (22 ғазали шоир бо онҳо суруда шудааст). Пас аз ин, баҳрҳои музореъ (18 ғазал), рамал (16 ғазал) ва дар баҳрҳои хафифу муҷтассу сареъ (сетой ғазал) қарор доранд. Қитъаҳои шоир агарчи ба теъдоди онҳо аз ғазалу қасида зиёданд, вале дар камтарин анвои авзон – дар 8 вазни баҳрҳои аслии ҳазаҷ, рамал, мутақориб ва фаръии музореъ, хафиф, муҷтас, сареъ, мунсареҳ суруда шудаанд, басомади аз ҳама болоро хафиф (38 адад), муҷтас (30 адад) ва ҳазаҷу рамал (24 -той) доранд.

Ҳамин гуна авзони таркиббандҳои шоир, ки ҷамъан 7 адад буда, дар ду баҳр: баҳри аслии рамал (3 таркиббанд) ва баҳри фаръии музореъ (4 адад) суруда шудаанд. Дар девони шоир 88 рубой дар шаҷараи ахраби баҳри ҳазаҷ иншо шудаанд: мафъӯлу, мафоъилу, мафоъилун фаъ

(– – V/ V– –V/– – –/–).

Таҳлилу баррасиҳои диссертант дар бораи қофия ва радиф дар ашъори Адиб Собири Тирмизӣ низ қобили тааммул ва андеша мебошанд, зеро шоири аз илми арузу қофия бохабар дар офаридани осори хеш аз ин унсурҳои аслии шеъри классикии форсии тоҷикӣ олимона ва огоҳона истифода, тамомии қоида ва урфи ин унсурҳоро риоят намудааст, ки мушоҳида ва таҳлилҳои диссертант инро мерасонад. Дар 137 қасидаи шоир 6 навъи қофияи муқайяд (муқайяд бо равӣ; муқайяд бо тавҷеҳ ва равӣ; муқайяд бо ридфи муфрад ва равӣ; муқайяд бо таъсис, дахил, тавҷеҳ ва равӣ; муқайяд бо ҳазв, қайд ва равӣ; муқайяд ридфи муфрад, ридфи зоид ва равӣ) ва 9 навъи қофияи мутлақ истифода шудааст, ки болотарин истифодаро қофияи муқайяд бо ридфи муфрад ва равӣ (72 маврид) ва қофияи муқайяд бо тавҷеҳ ва равӣ (27 маврид) ва навъи якуми қофияи муқайяд бо равӣ (9 маротиба) доштааст. Дар маҷмуъ, дар қасоиди Адиб Собир аз 15 навъи қофия истифода шудааст. Ҳамин тавр, дар ғазалиёти шоир аз 12 навъи қофия истифода шудааст. Дар қофияҳои таркиббанду қитъаҳо ва рубоиёт низ қофияҳои маъмулӣ истифода шудаанд, ки тозагие дар ин маврид надоранд. Таҳқиқоти диссертант дар бораи радифҳои шоир ба тафкики анвои адабӣ ва муқоисаи онҳо бо теъдоди ашъори мураддафи шоирони ҳамаҳди Адиб Собир ҳам сутуданист, ҳоҷат ба баёни муфассали он намебошад. Андешаҳои диссертант бар боби забону баёни шоир ва истифода аз саноеи бадеӣ низ қобили таваҷҷуҳ ва бар пояи ковишҳои илмии девони шоир ва осори муътамади улуми бадеъ нигошта шудаанд.

Дар қисмати хулоса натиҷаҳои илмии диссертатсия бо шуморагузорӣ баён гардидаанд ва аз камоли диққати баррасиҳои диссертант гувоҳӣ медиҳанд.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия чанд нуқсону камбудӣ ҳам ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши илмии онро афзуда, сатҳи илмии онро боло хоҳанд бурд:

1. Аввалан, чанд ҷумлаи диссертант аз нигоҳи мантиқӣ нодуруст иншо шудаанд, мисли ин ҷумла: «Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми таълифи китобҳои **таърихи адабиёти тоҷик**, навиштани **таърихи адабиёти тоҷику форс**, адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, ... ҳамчунин чун асоси назарӣ барои мураттаб сохтани **таърихи адабиёти муосири тоҷик** истифода кард». (саҳ. 11), ҳамин гуна аст ҷумлаҳои 2 ва 3 бахши вазифаҳои таҳқиқ (саҳ.7).

2. Дар саҳифаи 16 чунин ҷумла омадааст: «Салҷуқиён қабилаҳои **ғузу туркони** бодиянишин буданд, ки аз шимолу ғарби **Осиёи Миёна** омада, аввал Хуросон, **Мовароуннаҳр**, пас **Афғонистон**, Хоразм, Осиёи Хурд ва ҳатто Бағдодро, ки макази **хилофати араб** ба ҳисоб мерафт, забт намуда, дар ин мавзеъ империяи худро таъсис додаанд». Дар ин ҷо чанд иштибоҳ ҳаст, аввалан ғузу турк дар замон фарқ доштанд ва салҷуқиён гузаштагони туркмонҳо буданд, баъдан Осиёи Миёна ва Мовароуннаҳр мафумҳои тақрибан якхела ҳастанд ва солисан мафҳуми Афғонистон дар он замон вуҷуд надошт.

3. Дар саҳифаи 34 яке аз алқоби Адиб Собир аз «Лубобу-л-албоб": Шаҳобуддин шарафудабо Собир ибни Исмоили Тирмизӣ омадааст, бояд шарафулудабо бошад.

4. Нодуруст навиштани номи ашхос дар номҳои Муҷтабо Минавӣ (саҳ.73) ва Аҳмад Ризо Ялмаҳо (саҳ.73 ва саҳифаҳои дигар), Дороюши Сабур дар адабиёти №146 дида мешавад, ки бояд ба тарзи Муҷтабои Минувӣ ва Аҳмадризо Ялламаҳо ва Дориюши Сабур (чун дар саҳ. 96 диссертатсия) навишта мешуданд.

5. Ҳамин гуна аст дар саҳ. шарқшиносони русу аврупо (саҳ.4), ки бояд бо ҳарфи калон Аврупо навишта мешуд, ё ибораи нуру зариҳо, ки бояд нуввира сирраҳу (саҳ. 74) навишта мешуд.

6. байти саҳ 47: Дар назму наср тоқам аз офоқ бар **манаҳ**,

Шеъри маро ба тоқу ҳадиси маро **бараф**.

Бояд дар шакли: Дар назму наср тоқам аз офоқ бар **манеҳ**,

Шеъри маро ба тоқу ҳадиси маро **ба раф**. менавиштанд.

Бо вуҷуди ин, камбудиҳои зикршуда ҳусни диссертатсияро коҳиш надода, ислоҳшавандаанд. Диссертатсия дар сатҳи матлуби услуби илмӣ таълиф ёфтааст ва тадқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Фишурдаи диссертатсия, мақолаҳои ба чоп расонидаи диссертант ва гузоришҳои илмии ӯ муҳтавои диссертатсияро ифода мекунанд ва аз лаёқати баланди илмии соҳиби он гувоҳӣ медиҳанд. Диссертатсияи Мерганзода Манучеҳри Бекназар дар мавзуи «Поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мебошад.

Ходими пешбари илмии
шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии
АМИ Тоҷикистон, номзади илми филология **Муҳаммадиев Ш.М.**

27.01.2023

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.
E-mail: Shamsiddin-2010@mail.ru
Тел.: (+992)2272907

Имзои номзади илми филология
Муҳаммадиев Ш.М.-ро тасдиқ менамоям:
мудири шуъбаи кадри Институт **Нарзиқулова Ҳ.М.**

27.01.2023

ШУЪБАИ КАДРҲО